## Шарҳи моҳонаи таваррум • МАЙИ 2023

**Сатҳи таваррум[1] дар моҳи майи соли 2023 бо нишондиҳандаи манфии -0,3 фоиз ҷамъбаст гардид, ки дар муқоиса ба ҳамин моҳи соли қаблӣ ба андозаи 1,0 банди фоизӣ (б.ф.) кам мебошад.**

Дар моҳи баррасишаванда поёнравии сатҳи нархҳо асосан аз ҳисоби коҳиш ёфтани нархи маҳсулоти хӯрокворӣ -1,0 фоиз (саҳм дар таваррум -0,5 б.ф.) ба амал омад. Ҳамзамон, нархи молҳои ғайрихӯрокворӣ 0,9 фоиз (0,2 б.ф.) ва арзиши хизматрасониҳои пулӣ ба аҳолӣ 0,1 фоиз (бо саҳми ночиз) ҷамъбаст гардид.

Дар сохтори маҳсулоти хӯрокворӣ асосан коҳишёбии нархи орди навъи якум 5,7 фоиз, тухм 7,7 фоиз, равғани пахта 10,6 фоиз, равғани офтобпараст 13,3 фоиз, пиёз 47,6 фоиз, помидор 54,3 фоиз, бодиринг 65,2 фоиз ва ғайра ба қайд гирифта шуд. Раванди мазкур асосан дар натиҷаи таъсири омилҳои мавсимӣ, зиёд шудани истеҳсол ва ҷамъоварии ҳосили фаровони баъзе аз маҳсулоти кишоварзӣ ва мӯътадил шудани нархҳои воридотӣ ба амал омад.

Дар баробари ин, болоравии нархи баъзе аз маҳсулоти хӯрокворӣ, аз ҷумла нархи себ 12,7 фоиз, нок 22,0 фоиз, ангур 5,6 фоиз, сабзӣ 30,9 фоиз ва ғайра ба назар расид.

Аз молҳои ғайрихӯрокворӣ бошад, бинобар таъсири омилҳои мавсимӣ ва ба ин васила зиёд шудани талабот афзоиши нархи маводи доруворӣ 3,1 фоиз, масолеҳи таъмир ва сохтмон 1,8 фоиз, инчунин либос ва пойафзол 0,8 фоиз мушоҳида гардид.

Дар моҳи майи соли ҷорӣ тибқи маълумоти омори расмӣ сатҳи таваррум дар кишварҳои минтақа, аз ҷумла Қирғизистон 0,9 фоиз, Қазоқистон 0,6 фоиз, Ӯзбекистон 0,5 фоиз, Россия 0,3 фоиз, Туркия 0,04 фоиз, Гурҷистон -0,1 фоиз, Белорус -0,3 фоиз ва Арманистон -1,8 фоизро ташкил намуд.

**Таварруми моҳона ва солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Афзоиши гурӯҳи нархҳои истеъмолӣ ва саҳми сохтории онҳо дар таварруми солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ)




**Сатҳи таваррум дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа (бо фоиз)**
(манбаъ: Мақомоти омори давлатҳо)

| Кишварҳо | Таварруми моҳона (май с.2023) | Таваррум янв-май с.2023 | Таварруми солона (май с.2023) |
|---|---|---|---|
| Қирғизистон | 0,9 | 4,3 | 11,3 |
| Қазоқистон | 0,6 | 4,9 | 15,9 |
| Ӯзбекистон | 0,5 | 3,7 | 10,4 |
| Россия | 0,3 | 2,4 | 2,5 |
| Туркия | 0,04 | 15,3 | 39,6 |
| Гурҷистон | -0,1 | -0,6 | 1,5 |
| Белорус | -0,3 | 2,7 | 3,7 |
| **Тоҷикистон** | **-0,3** | **2,1** | **2,4** |
| Арманистон | -1,8 | -0,9 | 1,3 |

**Сатҳи таварруми солона бошад, дар моҳи майи соли ҷорӣ ба 2,4 фоиз баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 5,1 банди фоизӣ кам мебошад.**

Сатҳи таварруми солона дар моҳи майи соли ҷорӣ дар кишварҳои шарикони савдо ва минтақа, аз ҷумла Туркия 39,6 фоиз, Қазоқистон 15,9 фоиз, Қирғизистон 11,3 фоиз, Ӯзбекистон 10,4 фоиз, Белорус 3,7 фоиз, Россия 2,5 фоиз, Гурҷистон 1,5 фоиз ва Арманистон 1,3 фоизро ташкил менамояд.

Сатҳи таварруми аслӣ, ки қисман омилҳои монетариро инъикос менамояд, дар моҳи майи соли ҷорӣ 0,2 фоизро ташкил намуда, бо арзёбии солона бошад, ба 2,1 фоиз баробар гардид.

**Бонки миллии Тоҷикистон татбиқи сиёсати пулию қарзиро минбаъд низ ҷиҳати коҳиш додани таъсири омилҳои монетарӣ ба сатҳи таваррум идома хоҳад дод.**

**Таварруми аслии солона (бо фоиз)**
(манбаъ: Агентии омор, ҳисобҳои БМТ




[1] - тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Намояи нархҳои истеъмолӣ (таваррумӣ солона бо фоиз)***

| | Вазн,% | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | | | | | 2023 | | | | | Май тағйирёбии моҳона, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | Январ | Март | Июн | Сентябр | Декабр | Январ | Феврал | Март | Апрел | Май | |
| **Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасонӣ** | **100,0** | **8,0** | **9,4** | **8,0** | **7,8** | **7,3** | **8,3** | **5,7** | **4,2** | **4,3** | **4,5** | **3,6** | **3,4** | **2,4** | **-0,3** |
| **Маҳсулоти хӯроквори ва нӯшокиҳои беспирт** | **48,1** | **11,4** | **13,5** | **7,5** | **6,8** | **7,2** | **9,6** | **7,9** | **5,2** | **5,3** | **5,5** | **4,3** | **3,7** | **1,3** | **-1,1** |
| Нон ва маҳсулоти нонӣ | 15,1 | 16,5 | 13,8 | 4,0 | 4,8 | 11,0 | 24,6 | 13,0 | 4,7 | 2,5 | 1,7 | -2,6 | -6,6 | 1,5 | -0,2 |
| Биринҷ | 2,8 | 7,6 | 3,2 | -7,5 | -7,5 | -5,7 | -1,2 | 1,7 | 9,1 | 15,9 | 18,1 | 21,6 | 24,7 | -10,6 | 9,5 |
| Орд | 8,6 | 21,0 | 16,4 | 8,0 | 8,8 | 18,0 | 38,3 | 18,3 | 2,8 | -4,8 | -6,6 | -12,6 | -19,2 | 2,4 | -5,7 |
| Гӯшт ва маҳсулоти он | 7,3 | 21,8 | 5,7 | 15,1 | 15,3 | 9,8 | 0,3 | -2,4 | -0,8 | 0,0 | 0,0 | -0,2 | 0,9 | -28,0 | 1,4 |
| Гӯшти гов | 3,9 | 25,9 | 6,2 | 14,9 | 15,1 | 7,7 | -4,9 | -8,5 | -4,8 | -3,6 | -3,8 | -2,5 | -1,2 | 1,3 | 1,4 |
| Тухм | 1,5 | 6,3 | 18,9 | -14,4 | -24,0 | -21,2 | -12,1 | 17,4 | 43,1 | 48,3 | 37,8 | 40,4 | 49,0 | -13,0 | -7,7 |
| Шир ва маҳсулоти ширӣ | 1,9 | 6,4 | 4,3 | 8,9 | 7,7 | 23,6 | 23,9 | 25,4 | 25,4 | 28,8 | 25,9 | 14,7 | 11,9 | -10,6 | -2,4 |
| Шир | 0,5 | 7,3 | 5,6 | 4,3 | 4,0 | 15,4 | 21,3 | 11,6 | 20,4 | 23,2 | 16,0 | 18,5 | 17,7 | -1,3 | -5,3 |
| Равғани рустанӣ ва ҳайвонот | 4,6 | -1,7 | 42,3 | 20,8 | 20,5 | 12,4 | 4,3 | -2,7 | -10,6 | -11,3 | -10,0 | -11,2 | -17,5 | -28,0 | -9,0 |
| Меваҷот | 4,1 | -2,2 | 4,7 | -6,7 | -6,6 | -8,3 | -6,1 | -8,8 | -6,9 | -5,8 | -5,5 | 1,5 | 4,2 | -4,6 | 9,1 |
| Сабзавот | 6,8 | 15,4 | 5,8 | 16,4 | 11,6 | 6,3 | 1,8 | 14,9 | 12,1 | 14,8 | 18,6 | 23,1 | 30,2 | -13,0 | -9,7 |
| Шакар | 1,9 | -5,1 | 40,8 | 4,4 | 4,3 | 6,9 | 22,0 | 12,0 | 6,2 | 2,0 | -0,2 | -9,1 | -9,6 | 0,6 | 17,4 |
| Нӯшокиҳои беспирт | 1,4 | 8,1 | -2,2 | -0,7 | 0,6 | 2,6 | 5,5 | 14,6 | 14,0 | 13,4 | 13,4 | 13,1 | 12,4 | -1,3 | 0,0 |
| **Хӯроки умумӣ**** | **1,3** | **3,0** | **5,9** | **3,3** | **3,3** | **3,3** | **3,5** | **6,7** | **5,5** | **6,0** | **6,7** | **6,7** | **6,7** | **-6,8** | **0,0** |
| **Нӯшокиҳои спиртдор ва тамоку** | **2,0** | **1,0** | **5,0** | **5,8** | **5,7** | **6,2** | **6,0** | **5,9** | **2,9** | **2,8** | **2,8** | **1,5** | **1,3** | **-4,6** | **0,0** |
| **Маҳсулоти ғайрихӯрокворӣ** | **31,8** | **4,2** | **5,8** | **7,5** | **7,8** | **6,3** | **6,6** | **4,7** | **3,9** | **4,1** | **4,4** | **3,5** | **3,8** | **5,4** | **0,9** |
| Либос ва пойафзол | 11,3 | 13,4 | 4,5 | 2,8 | 3,2 | 2,4 | 3,4 | 2,5 | 4,0 | 4,1 | 4,2 | 4,3 | 5,0 | 0,6 | 0,8 |
| Масолеҳи таъмир ва сохтмон | 4,2 | 4,9 | 8,0 | 8,0 | 6,8 | 7,8 | 8,3 | 7,9 | 3,8 | 4,2 | 4,2 | 2,9 | 3,3 | 3,3 | 1,8 |
| Моводи шустушӯй | 2,0 | 3,3 | 10,1 | 4,6 | 5,2 | 5,1 | 13,6 | 17,9 | 22,6 | 24,9 | 24,8 | 24,2 | 21,6 | -6,8 | 0,3 |
| Доруворӣ | 2,9 | 13,0 | 7,8 | -0,7 | 4,2 | 7,4 | 8,7 | 10,3 | 11,2 | 7,0 | 7,3 | 5,1 | 6,9 | 12,1 | 3,1 |
| Сӯзишвории нақлиёт | 2,0 | -5,7 | -6,1 | 63,0 | 54,6 | 33,2 | 18,1 | -3,8 | -21,2 | -25,1 | -22,0 | -26,9 | -25,1 | 5,4 | 4,3 |
| Дигар намуди сӯзишворӣ | 1,2 | -9,9 | 14,8 | 2,7 | 2,7 | 5,1 | 4,7 | 1,5 | -1,7 | 3,1 | 3,1 | 1,1 | -0,2 | -2,5 | -2,8 |
| Васоити нақлиёт | 1,1 | 0,8 | 3,2 | 2,9 | 4,0 | 1,5 | 1,5 | 1,6 | 1,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 3,3 | 0,0 |
| Лавозимот ва ашёи дигари истифодабарии шахсӣ | 1,8 | 3,8 | 8,8 | 3,7 | 4,1 | 3,2 | 3,1 | 4,9 | 5,4 | 5,3 | 5,4 | 4,8 | 3,9 | 2,7 | 0,0 |
| **Хизматрасониҳо** | **16,7** | **5,5** | **4,0** | **11,3** | **11,5** | **9,9** | **8,4** | **1,3** | **2,0** | **1,9** | **2,1** | **2,1** | **2,2** | **12,1** | **0,1** |
| Манзилӣ-коммуналӣ | 5,7 | 9,1 | 1,8 | 13,1 | 13,2 | 10,1 | 5,2 | -5,3 | 4,4 | 3,2 | 5,6 | 4,3 | 5,2 | -4,8 | 0,3 |
| Иҷорапулии манзил | 0,2 | 2,8 | 6,0 | -1,1 | -0,9 | 3,7 | 4,5 | 5,9 | 7,0 | 8,0 | 8,0 | 3,2 | 3,2 | -2,5 | 0,0 |
| Обрасонӣ ва партовбарорӣ | 0,8 | 4,3 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 5,3 | 0,0 |
| Қувваи барқ | 3,2 | 16,2 | 0,7 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 17,3 | 17,3 | 17,3 | 17,3 | 17,3 | 2,7 | 0,3 |
| Оби гарм | 0,0 | 0,6 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 0,0 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 1,6 | 3,8 | 0,0 |
| Газ | 1,1 | -5,9 | 4,0 | 66,1 | 66,6 | 44,4 | 13,1 | -23,7 | -29,6 | -46,8 | -39,1 | -42,2 | -41,3 | -4,8 | 2,4 |
| Нақлиёт | 4,3 | 3,7 | 3,0 | 22,4 | 22,4 | 19,5 | 19,2 | 9,3 | -1,2 | 0,5 | -1,4 | -0,2 | -1,0 | 3,1 | -0,5 |
| Алоқа | 2,0 | 0,1 | 9,0 | 0,1 | -0,7 | -0,7 | -0,6 | -0,7 | -0,7 | 0,2 | 0,2 | 0,1 | 0,1 | 5,3 | 0,0 |
| Маориф | 1,8 | 1,5 | 9,3 | 7,8 | 8,2 | 8,2 | 8,3 | 0,7 | 1,4 | 1,4 | 1,4 | 1,3 | 1,2 | 0,0 | 0,0 |
| Тандурустӣ | 1,1 | 15,6 | 0,4 | 0,1 | 0,3 | 1,1 | 2,1 | 2,1 | 2,0 | 1,9 | 1,1 | 1,0 | 0,5 | 3,8 | 0,0 |
| Маишӣ | 1,6 | 3,8 | 6,7 | 1,7 | 2,8 | 3,2 | 4,1 | 4,5 | 5,0 | 3,9 | 3,9 | 3,9 | 4,1 | 23,0 | 0,2 |

*- Номгӯи молу маҳсулот ва хизматрасониҳои серистеъмоли аҳолиро дар бар мегирад. Маълумоти пурра оид ба номгӯи маҳсулот (аз рӯи сабади истеъмолӣ-546 номгӯи маҳсулот) дар сомонаи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (www.stat.tj) ҷойгир мебошад.

** - Ошхона, қаҳвахона ва тарабхонаҳо